**ФАРМОИШИ ЯКҶОЯИ РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**«Дар бораи тасдиқи Номгӯи бемориҳое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд»**

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2007, №264 тасдиқ шудааст, бандҳои 6 ва 7 Низомномаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №603 тасдиқ карда шудааст, ф а р м о и ш  м е д и ҳ е м:

1. Номгӯи замимагардидаи бемориҳое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд, тасдиқ карда шавад.
2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Назорати иҷрои Фармоиш ба зиммаи муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Вазири тандурустии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Салимов
аз 27 сентябри соли 2012, №476»А»

Муовини сардори Раёсати
хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Қосимов
аз 11 сентябри соли 2012, №117

Замима
Бо фармоиши якҷояи
Раёсати хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ва Вазорати тандурустии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «11,27» сентябри соли 2012,
№117, №476»А» тасдиқ карда шудааст

**Номгӯи**
**бемориҳое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мешаванд**

| р/т | Номгӯи бемориҳо | Асоснокkунӣ | Рамз (МКБ 10) |
|---|---|---|---|
| 1 | Сили фаъол:<br>узвҳои нафаскашӣ, андоми пешоб, рӯдаҳо, пардаи шикам, гиреҳҳои лимфатикӣ, арзанӣ | Бемор барангезандаи бемории сил буда, барои атрофиён сироятнок мебошад. | А15–19<br>А15–16<br>А 18.1<br>А 18.3,<br>А 19 |
| 2 | Бемориҳои хун ва узвҳои хунофар:<br>Эритремияи шадид ва лейкози омехта<br>Миелолейкози музмин<br>Лимфолейкози музмини тавъам бо камхунӣ<br>Бемории Хоҷкин (лимфогранулематози паҳнгашта)<br>Сафедхунии шадид (лейкоз)<br>Миеломаи сершумор (II-III дараҷа)<br>Ҳемофили<br>Бемории Виллебрант<br>Бемории Пандю - Ослер (бо нишонаҳои хунравӣ)<br>Тромбоситопении ирсӣ бо хунравӣ, дараҷаи вазнин<br>Диатези хунравии зуд-зуд такроршаванда | Беморони гирифтори камхунии дараҷаи вазнин ба монанди: камхунии ҳипопластикӣ, апластикӣ, ҳемолитикӣ, диатези хунравӣ ва лейкози хун аз сабаби вазнинии ҷараёни ин бемориҳо, хуруҷи пайвастаи беморӣ ва оризаҳо дучор шуданашон ба табобати тӯлонӣ (2-3 сол) мӯҳтоҷанд.<br>Қобилияти кории беморони мазкур маҳдуд аст. | Д 50-89<br>С94.0<br>С92.1<br>С 91.2<br>С 81,9<br>С 91.0<br>С 90.0<br>Д 66.<br>Д 68.0<br>I 78.0<br>Д 69.4<br>Д 69.9 |
| 3 | Оқибатҳои бемории рагзоди майна бо вайроншавии ҳаракат, | Бемор корношоям мегардад | I.69 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мувозинат ва биноиш | | |
| 4 | Бемориҳои музмини дил ва пардаи рӯи дил бо заъфи гардиши хун дараҷаи III.<br>Бемории ишемиявии дил. Стенокардии устувор бо маҳдудияти фаъолияти ҷисмонии марҳилаи IV, стенокардии ноустувор бо аворизҳо.<br>Бемории фишорбаландии дараҷаи III, хатари IV.<br>Номуратаббии кори дил дар собиқаи беморӣ:<br>- фибриллятси ва тахикардии меъдачавӣ;<br>-васеъшавии шоҳраг;<br>Атеросклерози рагҳои майнаи сар бо вайроншавии музмини гардиши хун дар майна<br>Сирингомиели бо тетрапарез,<br>сирингобулби бо ихтилоли нутқ (садо) | Бемор корношоям мегардад<br>Хатари фавти нобаҳангом.<br>Хатари фалаҷ<br>Хатари фавти нобаҳангом ва тромбоэмболи<br>Маъюбшавӣ.<br>Деменсия (камақлӣ), хатари<br>фалаҷ.<br>Бемор корношоям мегардад. | 1.31<br>I.50<br>I.20-1.25<br>I.10 - 1.15<br>I.47.2<br>I.48<br>I.71<br>I.69.2<br>G 95.0 |
| 5 | Бемории асаб ва ҳароммағз бо вайроншавии фаъолияти такя ва ҳаракат | Ба вайроншавии фаъолияти такяву ҳаракат ва нишонаҳои экстрапирамидӣ (ларзиши дасту пой), фурӯравии забон, кашиши мушакҳо ва маҳдудияти ҳаракат оварда мерасонад. | G 25 |
| 6 | Склерози фарогир | Бемории зудамалкунанда бо маҳдудшавии ҳаракати дасту пой, фурӯбарии забон.<br>Давомнокии беморӣ аз оғоз то фавт на зиёдтар аз 2 сол. | G 35 |
| 7 | Бемории Алтсгеймер, бемории Пик | Ҳангоми бемории мазкур фаромӯшхотирии кул, ки ба корношоямӣ меорад, мушоҳида карда мешавад. | G 30.9 |
| 8 | Бемории саръ бо хуруҷи пайвастаи саръӣ | Хуруҷи пайвастаи саръӣ ба коҳиши хирад ва | G 40 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | корношоямӣ мерасонад. | |
| 9 | Энсефаломиелитҳо бо вайроншавии фаъолияти такяву ҳаракат-тетрапарез, трипарез, фалаҷи пойҳо ва вайроншавии мувозинат | Гирифторони бемории мазкур бистарӣ буда, ба ёрдами атрофиён ниёз доранд. | G 04.8 |
| 10 | Илтиҳоби пардаҳои мағзи сар (энсефалит, менингоэнсефалит, миэлит, энсефаломиелит, арахноидит) бо фишорбаландии ликворӣ | Дар беморон ба вайроншавии яклухти пардаҳои мағзи сар, ки ба фалаҷ, нимфалаҷ, маҳдудияти рӯҳӣ оварда мерасонад, дида мешавад. Ин беморон ба ёрии атрофиён ниёз доранд. | G 03<br>G 05 |
| 11 | Нобиноии номаълуми ҳарду чашмҳо (сабабаш номаълум).<br>Нейрохориоретинити дутарафа | Бемор намебинад.<br>Бемории мазкур авҷгиранда буда, ба нобиноӣ оварда мерасонад. | H 54.3<br>H 30-31 |
| 12 | Бемориҳои рӯҳӣ | Дар асоси хулосаи ташхиси тиббӣ- рӯҳӣ | С20, Ғ 10- 19, Ғ22, Ғ23 |
| 13 | Бронхити музмини обструктивӣ, ҳолати вазнин бо заъфи нафаскашии дараҷаи III | Ҳаракати ночизи ҷисмонӣ ба заъфи нафаскашии дараҷаи III оварда мерасонад. | J44, J60-J 70 |
| 14 | Артрити тарбодмонанд бо вайроншавии фаъолияти узвҳои ҳаракату такягоҳ | Бемории мазкур тезамалкунанда буда, оқибат ба норасогии фаъолияти буғумҳо ва узвҳои дарунӣ (гурда, дил) оварда мерасонад. | M05-06 |
| 15 | Бемории бодхӯрдаи фарогири (СКВ)<br>намуди вазнин | Беморӣ сараввал бо иллатёбии узвҳо оғоз гардида, оқибат ба норасоии фаъолияти гурдаҳо оварда мерасонад.<br>Табобати якумраро талаб мекунад. | M 32 |
| 16 | Склеродермияи фарогир | Беморӣ бо осебёбии пӯст, мушак, узвҳои ҳаракат, узвҳои дарунӣ мегузарад ва оқибат ба норасогии кори гурдаҳо, узвҳои нафаскашӣ ва кори дил оварда | M-34 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | мерасонад.<br>Табобати якумраро талаб мекунад. | |
| 17 | Ношунавоии кули модарзодӣ ва пайдошуда. Талафи нейросенсории шунавоӣ | Бемор шунида ва нутқ ронда наметавонад. | H 90.4 |
| 18 | Аломати норасоии модарзодии йод: асабӣ, омехта, шакли варами балғамӣ (микседема) ва муайяннашуда | Дар мавриди гузариши беморӣ ба дараҷаи III-IV андоми асаб, узвҳои хунгардиш, узвҳои биноӣ осеб ёфта, боиси коҳиши қобилияти корӣ мегардад. | E00.1, 03.9<br>E05,<br>E04.0 |
| 19 | Тиреотоксикози вазнин бо вайроншавии гардиши хун ва биноӣ.<br>Беморий Базедова | | |
| 20 | Диабети қанд навъи I ва II бо оризаҳои вазнин (ретинопати, нефропати, попанҷаи диабетӣ) | Давомнокии беморӣ вазнин буда, дар гирифторони бемории мазкур тез-тез авҷгирии беморӣ дида мешавад, ки боиси коҳиши қобилияти корӣ мегардад. | E11 |
| 21 | Бемории Итсенко–Кушинга дараҷаи миёна ва вазнин, аломати Нелсон | Равиши ин беморӣ вазнин буда, тез-тез хуруҷи беморӣ дида мешавад, ки боиси коҳиши қобилияти корӣ мегардад. | E24 |
| 22 | Бемории баъд аз осеби майнаи сар | Дар гирифторони бемории мазкур пайдошавии фалаҷ ва нимфалаҷи дасту пойҳо ва ҷароҳати мағзи сар дида мешавад. | T90.5 |
| 23 | Сиррози ҷигар бо ҳипертензияи порталӣ | Дар беморон фаъолияти кори ҷигар коҳиш меёбад (ҳолати декомпенсатсия), ки боиси коҳиши қобилияти корӣ мегардад. | K74.6<br>K76.6 |
| 24 | Омосҳои бадфарҷом | Гирифторони бемории мазкур ба табобати махсусгардонидашудаи тӯлонӣ ниёз доранд | C04 то C- 62 |